Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешбинӣ гардидааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Навигарӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад: банди 2.14. Маблағгузории раванди сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 2.28. Методология ва ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини худмаблағгузории маҳаллӣ; 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидорӣ, проблемаҳои муносибкунонии сохтори сармоя; 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нокифоя будани захираҳои сармоягузорӣ барои татбиқи тағйироти прогрессивии сохтори истеҳсолӣ тавсиф мешавад, ки аҳаммият ва зарурати ҷалби сармоягузории дарозмуддат ва кам кардани қутббандии фазоии иқтисодиёти кишварро муайян мекунад. Рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо таҷдиди соҳаҳои хоҷагии халқро тақозо менамояд, ки таҳияи методология, усулҳо ва арзёбии дастгирии мақсадноки давлатиро дар минтақаҳо дар назар дорад.

Дар Тоҷикистони муосир масъалаҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳо, ташаккули асосҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии фаъолияти сармоягузории минтақавӣ, таҳияи афзалиятҳои сиёсати миллӣ ва стратегияи сармоягузорӣ, инчунин рушди босамари фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳо муҳим мебошанд.

Ин, дар навбати худ, зарурати такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои кишварро дар назар дорад, ки метавонад муносибати мунтазамро ба идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ таъмин намуда, барои пурзӯр намудани раванди сармоягузорӣ дар

минтакаҳои ҷумҳурӣ, махсусан дар минтакаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шароити муносиб фароҳам оварад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти васеи ҷалби шаклҳои сармоягузориро дар минтақаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дорад, аммо дар ин самт мебоист корҳои илман асоснокардашудаеро пешниҳод намуд, ки дар оянда дар самаранокии ҳамворакунии рушди фазоии минтақаҳо хизмат намояд.

**Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навоварии илмии диссертатсия аз тахияи асосҳои назариявӣ ва амалии илман асоснокшуда ҷиҳати такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо мақсади беҳтарсозии ҳамворакунии рушди фазоӣ дар ин самт иборат мебошад. Диссертант чунин навгониҳои илмиро асоснок карда, пешниҳод намудааст:

- диссертант дар асоси омӯзиши фарзияҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба иқтидори сармоягузорӣ таърифи муаллифии худро пешниҳод намудааст, яъне таквияти усулҳои сафарбарнамоии иқтидори сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкории хурди истеҳсолӣ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ҳамчун омили боигарии миллӣ ва афзудани рақобатпазирии минтақа баромад мекунад;

- дар таҳқиқот омилҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ ва вобастагии иқтидори сармоягузорӣ аз субъектҳои хоҷагидорӣ, минтақа ва кишвар дар умум муайян гардидааст. Инчунин, бо мақсади татбиқи тавсияҳои илмии масоили роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақа аз мавқеи гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ модели ҳисобии он пешниҳод карда шудааст;

- унвонҷӯ бо истифода аз нишондиҳандаҳои асосӣ барои гузаронидани таҳлили муқоисавӣ вазъи иқтидори сармоягузории минтақаҳоро муайян намудааст. Аз тарафи унвонҷӯ асоснок карда шудааст, ки вусъат пайдо кардани соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, хизматрасонӣ ва вазъи иқтидорҳои сармоягузорӣ аз ташаккули бозори сармоя ва ташкили механизмҳои истифодаи самараноки захираҳо вобаста мебошад. Қайд гардидааст, ки таъсиси инфрасохтори самараноки бозори фондӣ ба сафарбаркунии сармоягузориҳои хусусӣ ва инчунин ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд;

- диссертант дар таҳқиқот хусусиятҳои хоси ташаккули иқтидори сармоягузории минтақаро ошкор намуда, дар асоси он тартиби бисёрсатҳаи арзёбии онро тахия кардааст. Аз ҷониби муаллиф роҳҳои самараноки ҷалби сармоягузорӣ тавассути муайян кардани самтҳои

ояндадори фаъолият алгоритм сохта шуда, усули арзёбии бисёромилии иқтидори сармоягузории минтақа таҳия гардидааст;

- дар таҳқиқот робитаи зич байни конъюнктураи макроиқтисодӣ ва фазои сармоягузории минтақаи тадқиқшаванда ошкор карда шудааст. Оид ба масъалаи дарёфти роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки аз механизми идоракунии иқтидори сармоягузории минтақа бармеояд. Баҳодиҳии раванди сармоягузории кишвар ва махсусан дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунӣ ба ҳисоб рафта, татбиқи он барои пешрафти иқтисоди минтақа бо рушди ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мусбат арзёбӣ гардидааст. Муаллиф низоми идоракунии таъмини самаранокии бахши аграрӣ ва саноатиро ҳамчун заминаи асосӣ барои ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ муайян намуда, як қатор чорабиниҳоро коркард ва пешниҳод кардааст;

- унвонҷӯ моделҳои эконометрикии арзёбии иқтидори сармоягузориро коркард карда, ҳаҷм ва таркиби иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳуриро муайян намудааст. Муаллиф дар асоси таҳқиқот собит намудааст, ки фаъолияти сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбат ба сатҳи миёнаи фаъолияти сармоягузории кишвар қонеъкунанда нест. Бинобар ин, дар шароити шиддатнокии ташаккули захираҳои молиявӣ муайян кардану истифодаи имконоти худи минтақа мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин, таҳқиқгар моделҳои ҳисобии регрессиониро барои муайян кардани ҳиссаи манбаъҳои сармоягузориҳо дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ва маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳия ва дурнамои онҳоро ҳисоб кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияи дар диссертатсия зикршуда.** Диссертант дар асоси таҳлилҳо оид ба мафҳуми "иқтидори сармоягузорӣ" мавқеи муаллифии худро дар таҳқиқот қайд намудааст: "Иқтидори сармоягузорӣ ин низоми захираҳои мутақобилан алоқамандест, ки дар шароити мусоиди сармоягузорӣ ба амалисозии шакли мушаххаси фаъолият барои рушди иқтисодӣ ва афзудани рақобатпазирии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он равона карда мешавад" (с. 30).

Дар диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ қайд гардидааст, ки иқтидори сармоягузории минтақа ин маҷмуи имконоти захираҳои иқтисодии дохилӣ ва ба минтақа ҷалбшудаест, ки дар сурати мавҷуд будани фазои мусоиди сармоягузорӣ сиёсати иқтисодии минтақаро татбиқ мекунад. Дар таҳқиқот муайян гардидааст, ки иқтидори сармоягузорӣ дар аксар

ҳолат имкониятҳои маҷмуии захираҳои соҳавии ғайридоимиро дар назар дошта, имконоти афзоиши сармояи неруи корӣ ва тавоноии субъектҳои иқтисодиеро, ки ин захираҳоро дар муҳлат ва марҳилаи муайян пойдор нигоҳ медоранд, ифода менамояд (с. 46).

Ба андешаи муаллиф, дар шароити нави иқтисоди миллӣ ва минтақаҳо навъи инноватсионии ташаккули иқтидори сармоягузорӣ нақши ҳалкунанда дорад. Сифати иқтидори сармоягузорӣ на танҳо дар ҳамбастагӣ бо ҳадафҳои сиёсати сармоягузории минтақа, балки аз алоқамандии бевосита бо раванди татбиқи онҳо вобаста аст. Барои арзёбии фарогирии пурра ва таъмини идоракунии сифати иқтидори сармоягузории минтақа омилҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ, кадрӣ, ташкилӣ-идорӣ ҳамчун заминаи методии арзёбии таркиби иқтидори сармоягузорӣ баромад мекунанд (с. 58).

Илова бар ин, аз тарафи унвонҷӯ дар асоси таҳлилҳо пешниҳод гардидааст, ки феълан стратегияи ҳифз ва рушди иқтидори илмию техникӣ ва инноватсионии кишварро бояд таҳия кард. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ дорои хусусиятҳои аграрӣ мебошанд. Қисми зиёди аҳолии минтақаи мазкур ба кишоварзӣ машғул буда, маҳсули меҳнати онҳо асосан аз маводи озуқаворӣ иборат аст. Омилҳои асосии тақвиятдиҳандаи натиҷаҳо фазои мусоид ва захираҳои бойи меҳнатӣ мебошад. Яъне заминаҳои ташаккулёбӣ ва истифодаи иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз хусусияти заминавии минтақаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маншаъ гирифта, дар заминаи коркарди ашёи хоми ватанӣ ривоҷу равнақ додани корхонаҳои рушди саноатӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, зиёд шудани даромади субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла даромадҳои андозӣ ба буҷети сатҳҳои гуногун дар назар дошта мешавад (с. 74).

Муаллиф бар он ақидааст, ки дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баҳисобгирии омилҳои гуногун дар асоси таҳияи барномаву татбиқи лоиҳаҳо барои беҳтар кардани иқтидори сармоягузории минтақа, инчунин, мавҷудияти василаҳои асосии эътимоднокии арзёбии захираҳои сармоягузорӣ равона карда мешаванд. Муайян ва арзёбӣ кардани омилҳо истифодаи равиши методологиро дар асоси низоми ҳисобҳои миллӣ хело таъсирбахш мекунад. Раванди ташаккулёбӣ, тақсим ва ҷамъоварии иқтидори сармоягузориро дар заминаи сохтори арзиши иловашуда, даромади аҳолӣ, маҷмуи фоидаи иқтисодиёт, даромади давлат, бахшҳои ниҳодии иқтисоди минтақавӣ, хоҷагиҳои оилавӣ ва бизнес муайян кардан аҳаммияти калон дорад (с. 94-95).

Диссертант дар асоси баҳодиҳии иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ собит намудааст, ки баҳодиҳии иқтидори сармоягузорӣ  дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои дарёфт ва исботи илмии усулу василаҳои самараноки ҷалби воситаҳои молиявии аҳолӣ аз ҷониби ташкилоти давлатӣ ва тиҷоратӣ бо мақсади сармоягузорӣ аҳаммияти иҷтимоию иқтисодӣ дорад. Онҳо дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар аз ҳисоби имконоти худи кишвар дар заминаи воситаҳои корхонаҳо, захираҳои бозори молия, пасандозҳои аҳолӣ ва маблағгузории сармоягузорӣ  аз буҷет дар ташаккули сармоягузорӣ имкон фароҳам меоранд (с. 110).

Унвонҷӯ бар он ақида аст, ки ҳолат ва такмили иқтидори сармоягузории минтақавӣ дар ҳамон вақт ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ дар минтақа баромад мекунад,  ки агар фаъолгардонии ташаккули иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вусъат пайдо карда, ҷаззобияти таҳияи қонунгузориҳо барои такмили намудҳои алоҳидаи сармоягузорӣ, аз қабили сармоягузории давлатӣ, сармоягузории ташкилотҳо ва сармоягузории аҳолӣ ба эътибор гирифта шавад. Дар баробари ин, баланд бардоштани фаъолии сармоягузории сармоягузорони дохилӣ ва ҳам беруна, такмили иқтидори сармоягузории характери маҷмуидошта асоси ташаккули инфрасохтори иқтисодию молиявиро ташкил медиҳад ва муайянкунандаи ин самт дар маҳалҳо тақвияти имкониятҳои худтаъминкунӣ мебошад (с. 133-134).

Дар диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ муайян гардидааст, ки такмили механизми молиявию иқтисодии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ ба иқтисоди индустриалӣ-аграрии инноватсионии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нигаронида шуда, аз ташкили фазои мусоиди фаъолияти бахшҳои воқеии иқтидори сармоягузорӣ вобастагии зич дорад. Ҳамзамон, чунин механизм ба воридшавии сармоя ба иқтисоди миллӣ ва минтақаҳо, хусусан ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вобастагӣ  дорад. Яъне чунин раванд имкони воқеии ҳаракати озоди воситаҳои сармоявиро дар бахшҳои афзалиятноки воқеӣ дошта, ба истеҳсоли  маҳсулоти аграрии  минтақа тавсеа мебахшад (с. 149).

Илова бар ин, аз тарафи унвонҷӯ баъд аз таҳлили маълумотҳо дар диссертатсия маълум карда шудааст, ки такмили иқтидори сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, алалхусус дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зарурати ҳарчи бештар баланд бардоштани низоми идоракуниро ба миён меорад. Собит карда шудааст, ки истифода аз фишангҳои дақиқи идоракунӣ хело зарур буда, истифодабарӣ аз модели арзёбии иқтидори сармоягузорӣ асоснокии муайяннамоии имконоти истеҳсолиро дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъмин мекунад. Ҳамзамон, беҳтар кардани фазои

сармоягузорӣ, алалхусус, воридоти захираҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷунин ҷорабиниҳо, ба мисли таҳияи заминаи ҳолиби қонунгузорӣ барои афзоиш додани фаъолияти сармоягузорӣ ва таъмини ҳимояи устувории сармоягузориҳо, фароҳам овардани афзоиши ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо, густариш додани заминаи молиявии сармоягузориҳо аз ҳисоби таъйинот ва истифодаи молҳои сармоягузорӣ ва ба роҳ мондани созишномаҳои дуҷониба бо сармоягузорони хориҷӣ ва пеш гирифтани ҳавасмандсозии тарафҳо оид ба мусоидат намудани сармоягузорӣ вобастагии зич дорад (с. 175).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар инкишофи илмии иқтидори сармоягузорӣ ва илова ба он, бо воситаи коркарди ҳолатҳои методологӣ оид ба иқтидори сармоягузории минтақаҳои кишвар, махсусан дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, асоснок намудани мавҷудият ва ҳаматарафа истифодабарии иқтидори мавҷудбудаи рушди иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ифода меёбад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар истифодабарии таквияти такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои кишвар ҷиҳати ҳамворакунии фазоии минтақаҳои кишвар дар раванди коркарди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ниҳодҳои давлатии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои муҳаққиқони ватанию хориҷии ин соҳа метавонад хизмат намояд.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот** дар такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои кишвар, омилҳои таъсиррасон ба ташаккулёбии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо ҷалби бештари сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ, самтҳои такмилдиҳии механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ бо истифода аз моделсозӣ ва дурнамои иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва дигарон асос меёбад.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии бадастовардашудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таълим барои омода намудани бакалавр, магистрон ва докторантон, барои хондани лексияҳо аз фанҳои махсус, ба монанди "Иқтисодиёти минтақавӣ", "Сармоягузорӣ", "Иқтисодиёти миллӣ", "Иқтисодиёти корхонаҳо" ва дигарҳо истифода шуданаш мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Натиҷаҳои диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои аз тарафи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон эътироф гардида ва 10 адад мақолаи илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда инъикос ёфтаанд.

Мутобиқи мақсади гузошташуда ва масъалаҳои таҳқиқот нақшаи кори диссертатсионӣ мураттаб гардидааст, ки аз сарсухан, 3 боб, 9 параграф, хулоса ва пешниҳодҳо, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Диссертатсия дар 210 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дар он 24 ҷадвал, 7 расм, 4 замима, 8 формула, 2 диаграмма ва 169 адабиёт оварда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд.** Тахассуси илмии Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ".** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.20221) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**Сахми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф асосҳои назариявии такмили иқтидори сармоягузориро дар мисоли минтақаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, самтҳои такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузории минтақаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва истифодаи модели регрессиониро коркард ва дурнамои рушди онро таҳия намудааст. Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот, аз таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда, иҷрои вазифаҳо ва навгониҳои илмии таҳқиқот аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати болозикр, ба андешаи мо, диссертатсияи тақризшаванда дорои якчанд норасоию пешниҳодҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Ба манфиати таҳқиқоти илмӣ мегардид, агар дар диссертатсия бештар ба ҷанбаҳои институтсионалии иқтидори сармоягузории минтақаи ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ диққат дода мешуд.

2. Дар таҳқиқоти илмӣ паҳлуҳои гуногуни иқтидори сармоягузории минтақа бараъло оварда шудааст, аммо таҳқиқот самаранoктар мегардид, агар механизми такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳо, махсусан ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оварда шуда, хулосагирӣ карда мешуд;

3. Дар таҳқиқот ба таври ҷузъӣ чораҳои мушаххас оид ба такмил ва самаранокии тақсими даромад аз ҷалби сармоягузориҳо нишон дода нашудааст;

4. Муаллиф дар саҳифаи 123, ҷадвали 3.1. - Динамикаи ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он барои солҳои 2015-2022-ро овардааст. Хуб мешуд, агар онҳоро аз рӯйи кластерҳо ба минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷудо менамуд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботи мавҷуда мебошад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Умуман, диссертатсия дар мавзӯи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тартиб дода шудааст, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат менамояд. Диссертатсия кори илмии асоснокгардидаи баитмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**д.и.и., дотсент, мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Сафоев А.К.**

Нишона: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055 ш. Душанбе хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+ 992 37) 2348800, факс: 2348802
Web: www.iutet.tj. E-mail: safoev@list.ru, Тел: +992 907733247

Имзои д.и.и., дотсент, мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон А.К. Сафоев -ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ **Ҷураев Ш.Н.**